# Суратҷаласаи №3

ҷаласаи кафедраи методикаи таълими технологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

аз 12-уми октябри соли 2022

Дар ҷаласа ҳамаи аъзоёни кафедра иштирок доштанд.

Рӯзномаи ҷаласа:

Муҳокимаи рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи методикаи таълими технология Маҳмадалиев Эраҷ Шукурллоевич дар мавзӯи «Асосҳои методии таълими конвергентии технология ва информатика дар омодакунии омӯзгорони ояндаи фанни технология (таълими меҳнат)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) омода гардидааст.

Дар ибтидо мазмуни мухтасари рисолаи номзадӣ дар мавзӯи «Асосҳои методии таълими конвергентии технология ва информатика дар омодакунии омӯзгорони ояндаи фанни технология (таълими меҳнат)», ки дар кафедраи методикаи таълими технологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав омода гардидааст, аз тарафи унвонҷӯ Маҳмадалиев Э.Ш. баён карда шуд.

Баъд устодони кафедраи методикаи таълими технология н.и.т, дотсент Исломов С. ва номзади илмҳои педагогӣ Боев С.Г. баромад намуда, дар бораи мувафаққият ва камбудиҳои дар рисола ҷойдошта қайд карда, ба ҳимоя тавсия намудани рисолаи мазкурро тарафдорӣ намуданд (тақризҳои устодони номбаршуда замима мегарданд).

Дар ҳамин замина мудири кафедра н.и.п., Алламуродов Б.Н. дар баромади худ қайд намуд, ки бо боварӣ гуфта метавон, ки рисолаи ба ҳимоя пешниҳодкардаи Маҳмадалиев Э.Ш. оғози таҳқиқоти ҷиддии ӯ дар соҳаи илми педагогика, хусусан методикаи таълими технология ба шумор рафта, унвонҷӯ метавонад таҳқиқоти худро дар онҷо идома дода ба муваффақиятҳои бештаре соҳиб шавад.

Инчунин, оиди масъалаи мазкур тақризи мусбии роҳбари илмӣ доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи алгебра ва геометрия, Сатторов А.Э. мавҷуд аст, ки дар он қайд мегардад, ки рисолаи унвонҷӯи кафедра Маҳмадалиев Э.Ш. дар мавзӯи "Асосҳои методии таълими конвергентии технология ва информатика дар омодакунии омӯзгорониояндаи фанни технология (таълими меҳнат)" барои ҳимояи пешакӣ омода мебошад.

Дар асоси баромадҳо пешниҳод гардид, ки диссертатсияи Маҳмадалиев Э.Ш. ба ҳимоя тавсия карда мешавад.

**Аз рӯи масъалаи муҳокимагардида ҷаласаи кафедра қарор мекунад:**

1. Рисолаи ба анҷом расондаи унвонҷӯи кафедраи методикаи таълими технология Маҳмадалиев Э.Ш. дар мавзӯи "Асосҳои методии таълими конвергентии технология ва информатика дар омодакунии омӯзгорониояндаи фанни технология (таълими меҳнат) " барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) барои ҳимояи пешакӣ ба Шӯрои олимони факултети техникӣ ва технологӣ пешниҳод карда шавад.

Мудири кафедраи методикаи таълими технология, н.и.п., Алламуродов Б.Н.

Котиби ҷаласа Ҷонмаҳмадов И.Т.